# Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддин дар мавзуи «Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот - пешниҳод шудааст.

Дар муддати кор аз болои диссертатсия Фарзонаи Сайфиддин худро ҳамчун мутахассиси донишманд, масъулиятнок ва бофаросат дар соҳаи таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба илми педагогика нишон дода тавонист. Қобили зикр аст, ки кори диссертатсионии Фарзонаи Сайфиддин ҳануз аз солҳои нахусти кору фаъолияти омӯзгориаш зимни хондаии маърузахо ва гузаронидани машгулиятхои амалӣ аз фанҳои тахассусӣ дар асосу заминаи мисолу намунахо сурат мегиранд, ки баъдан заминаи таҳқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил кардаанд.

Рисолаи илмии Фарзонаи Сайфиддин дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст.

Фарзонаи Сайфиддин соли таваллудаш 09.09.1991, хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, (зинаи бакалавр (2009–2013), зинаи магистратура (2013–2015), зинаи доктори фалсафа PhD (2015–2018) аз рӯи ихтисос мебошад.

Фаъолияти меҳнатиашро солҳои 2013–2016 аз рӯи ихтисос дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1– и ноҳияи Восеъ шуруъ намудааст. Аз соли 2016 то соли 2022 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар вазифаи ассистети кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ кор намудааст. Айни замон дар кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон ба ҳайси ассистент кор ва фаъолият намуда истодааст

Мавзӯи рисолаи илмӣ тахти унвони «Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот» дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ 27-январи соли 2023 №6/4-5 тасдиқ карда шудааст

Мухтаво ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии Фарзонаи С дар конференсияҳои байналмилалӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи ҳайати профессорону омӯзгорони ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ғ. (2015 -

2023) инъикос ёфтаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи рисола дар маҷалаҳои илмӣ дар шакли 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ, ки ба рӯйхати маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд.

Навгонии рисола дар он зоҳир мегардад, ки дар он нахустин маротиба масъалаҳои назарӣ ва амалии мавзуи мазкур мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аҳамияти назарии таҳқиқ имкон фароҳам меорад, ки тасаввуроте оид ба таърихи гузаштагонамон пайдо карда шавад, ҳамчунин амалкарди рушди забони форсӣ-тоҷикӣ қабл аз ислом то андозае равшантар гардад. Он метавонад барои пешбурд ва идома додани омӯзиши бештари маҷмӯӣ, низомнок ва амиқтари номвожаҳои таърихӣ мусоидат намояд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Ин гуна иқдом, пеш аз ҳама, имкон медиҳад, ки дар ҳама давру замон омӯзиши доимии ғояҳои педагогии мутафаккирони бузурги форсу тоҷикро мунтазам идома диҳем.

Андешаҳои педагогии мутафаккирони форс точики асрҳои XII – XIII имконият фароҳам мекунанд, ки дар ҷараёни таълиму тарбия тавасстуи истифодаи мақсадноки онҳо баъзе нуқсону камбудиҳое, ки дар шогирдон мавҷуданд, ислоҳ карда шаванд. Чунон ки омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, бисёр паҳлуҳои таълимиву тарбиявии осори мутафаккирони форс точики асрҳои XII – XIII амиқ ва ба таври кофӣ омӯхта нашуда, мавриди тадқиқ ва таҳлили пурра қарор нагирифтааст ва метавон арзёбӣ кард, ки аз назари илмӣ ва таҳқиқотӣ ҳанӯз ҳам ба пажӯҳиш ниёз доранд.

Арзиши амалии таҳқиқот дар коркарду ташкили технологияи истифодаи арзишҳои педагогии осори мутафаккирони форс точики асрҳои XII – XIII дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, такмили стандарту барномахои таълим, дастурҳои методӣ ва китобҳои дарсӣ ифода меёбад. Баррасиву пешниҳодот ва тавсияҳои дар мавриди корбурди андешаҳои ахлоқӣ-аънавии осори мутафаккирони форс точики асрҳои XII – XIII ироашуда дар ин ҷода ин халоро ба як андоза пур карда, имконотро барои истифодаи ин арзишҳо дар раванди таълиму тарбияи муосир фарҳам хоҳанд кард.

Бешубҳа, муҳаққиқ ҳамчун мутахассис хеле хуб омода шуда, рушд кардааст, мавзуи рисолаи илмиро ҳаматарафи омӯхта таҳқиқ кардааст, аз адабиёти илмии педагогӣ пуррра огоҳ аст ва мазуи

таҳқиқро дар сатҳи баланди илмии педагогии муосир омӯхтааст. Кори диссертатсионии муҳақиқ ба анҷомрасида, он босаводона навишта шудааст ва аз назари техникӣ дар шакли зарурӣ таҳия гардида, ба талабот комилан ҷавобгӯй мебошад.

Фарзонаи Сайфиддин аз вазифаи ба ӯҳдадошта баромадааст ва ҳамчун роҳбари илмӣ чунин мешуморам, ки ӯ сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи умуми
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ :
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ : Иброҳимов Грез

Имзои дотсенти кафедраи педагогикаи умумиро
Иброҳимов Г.ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

24.09.2024

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров 16
Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj